# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

аз 20 майи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Сайдалӣ Холович (раис), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич (аъзо), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қаюмов Нуриддин Қаюмович (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси № 6/КЭ таъсис дода шудааст, диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ», ки аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровbooнд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб меёбад. Дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Масъалаи татбиқи аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ, махсусан дар ширкатҳои сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти нисбатан нави илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад. Имрӯз фаъолияти аудиторӣ яке аз соҳаҳои рушдёбандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди ин, бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, масъалаи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо аҳамияти калидӣ дорад. Дар солҳои охир ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба назар расидаанд, ки зарурати таҳкими низоми назорати сифати фаъолияти аудиториро ба миён мегузоранд. Мураккабии масъала дар он ифода меёбад, ки фаъолияти аудиторӣ аз як тараф фаъолияти соҳибкорӣ буда, аз ҷониби дигар – шакли назорати мустақили молиявӣ мебошад. Ҳамин тавр, мувозинати

манфиатҳои иқтисодии ширкатҳои аудиторӣ ва талаботи ҳатмии назорати сифати хизматрасониҳо масъалаи муҳими ташкилӣ ва методологӣ мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ, зарурати таҳқиқи масъалаҳои ташкилию методологии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба миён омадааст. Таҳия ва татбиқи механизми мукаммали аудити дохилӣ ба баланд бардоштани устувории молиявӣ, шаффофият ва рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи рушди ташкилӣ ва такмили методологияи аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрам ва аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шуда, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 (№353/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 5 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ инҳо таъин карда шаванд:

- **Қодирова Гулмо Тоировна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов С.Х.

**Аъзои комиссия**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қаюмов Н.Қ.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.